*Ба шурои диссертатсионии*
*6D.КОА-015 назди Донишгоҳи*
*техникии Тоҷикистон ба номи*
*академик М.С. Осимӣ*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01–Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир дараҷаи рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ натанҳо аз сатҳи хусусияти рушди стратегӣ ва самаранокии низоми менеҷменти корхонаҳои саноатӣ, балки аз таъмини инфрасохтори инноватсионии он низ вобаста аст. Дар баробари ин, яке аз шартҳои таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ аз вазъи низоми институтсионалии ташаккулёфта муайян карда мешавад.

Дар таҳқиқоти илмии дарҷгардида, унвонҷӯй махсус ба масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва институтсионалии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ диққати зиёд додааст. Дар ин ҷода, таҷрибаи кишварҳои пешқадам, олимони ватанӣ ва хориҷӣ оиди назария ва таҳаввулоти инфрасохтори инноватсионии рушди корхонаҳои саноатӣ ва арзёбии таъсири инфрасохтор ба рушди инноватсионии саноат аз тарафи унвонҷӯй мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст.

Дар шароити муосир тараққиёти босуръати иқтисодиёти ҷаҳон натиҷаи фаъолияти пурсамари нерӯи инсонӣ ва зеҳнӣ мебошад. Имрӯз дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ тамоюли гузаштан ба иқтисоди инноватсионӣ дар асоси низоми самараноки рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои фаъолияти нерӯи зеҳнӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, аз он ҷумла дар соҳаи саноат мушоҳида карда мешавад. Барои фаъолияти самараноки иқтисоди инноватсионии кишвар инфрасохтори инноватсионӣ бояд аз ҷиҳати функсионалӣ мукаммал бошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар боби дуюми таҳқиқот дар асоси маводҳои оморӣ таҳлили ҳолати муосир ва нишондиҳандаҳои рушди саноат, таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва баҳодиҳии таъсири инфрасохтори инноватсионӣ ба рушди саноати

Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва асоснок карда шудааст. Инчунин графику ҷадвалҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки дар онҳо натиҷаи таҳлили фаъолияти соҳаи саноати ҷумҳурӣ ва маблағгузории иҷрои корҳои илмию техникӣ пешниҳод гардидаанд. Хулоса ба ин гуфтаҳо қайд намудан зарур аст, ки ба ғайр аз таҳлили маълумотҳои омории фаъолияти соҳаи саноат, инчунин баҳодиҳии таъсири инфрасохтори инноватсионӣ ба рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ дар мавриди таҳлили вазъи муосири рушди инноватсионии саноати кишвар маҷмуи мушкилот ва омилҳое муайян карда шуданд, ки ҳалли онҳо метавонад ба таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноат мусоидат кунад. Аз тарафи унвонҷӯ муайян карда шудааст, ки сатҳи нокифояи рушди инноватсионии саноати миллӣ бо як қатор сабабҳо, аз он ҷумла сатҳи пасти иштироки иқтидори илмӣ ва илмию техникӣ дар фаъолияти инноватсионӣ, набудани таҷрибаи омода кардани мутахассисони баландихтисоси соҳа, ба талабот ҷавобгӯй набудани сатҳи рушди техникию технологӣ ва инфрасохтори иттилоотию иртиботӣ, набудани механизмҳои самараноки тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқот, набудани корхонаҳои хурди инноватсионӣ ва сатҳи нокифояи муносибатҳои байналхалқӣ дар самти истифодаи таҷрибаи пешқадам аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Ба ақидаи унвонҷӯ, дар ҳамин замина бояд тавассути иштироки бевоситаи давлат марказҳои таҳвили технологӣ, истеҳсолоти намунаҳои саноатӣ ва паркҳои индустриалию технологӣ бунёд карда шуда, дар онҳо имконияти ба роҳ мондани намунаҳои таҷрибавӣ фароҳам оварда шавад. Дар ҳолати акс субъектҳои фаъолияти илмию техникӣ, ки дастовардҳои муайян доранд, метавонанд бо чунин сохторҳои хориҷӣ ҳамкорӣ карда, ихтироот ва натиҷаҳои фаъолияти илмию таҳқиқотии хешро бегона кунанд.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе норасоиҳо низ ҷой доранд:

1. Дар автореферат унвонҷӯ диққати зиёд ба ҷанбаҳои назариявии таъмини инфрасохтории рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ зоҳир кардааст. Хуб мешуд, агар ҷанбаҳои методологии масъала низ баррасӣ мегаштанд;

2. Дар автореферат истифодаи равиши кластерӣ дар тавсеаи таҷрибаи таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ пурра асоснок карда шудааст, аммо пешниҳодҳо ҷиҳати дастгирии давлатии

таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ба таври кофӣ дарҷ нагаштаанд.

Эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз,**
**ректори Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Шарифзода М. М.**

**Суроғаи донишгоҳ:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, мкр-ни 17, бинои 1.
Телефон: +992(3422)2-38-11
E-mail: tsulbp@rambler.ru

Имзои д.и.и., профессор Шарифзода М. М.- ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсус Мирпоччоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

“07” ноябри 2023

Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 – и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзӯи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01- Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

Рушди босуръати илму техника тақозо менамояд, ки иқтисодиёти ҳар як давлат ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонида шавад. Дар ин раванд ҷорӣ намудани инноватсия дар истеҳсолот, ки бидуни ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ имконнопазир мебошад, омили асосии рушд маҳсуб меёбад. Инфрасохтори инноватсионӣ унсур ва механизми асосии фаъолияти иқтисодиёти инноватсионӣ буда, метавонад сатҳи баланди рушди иқтисодиётро таъмин намояд. Вобаста ба ин мавзуи таҳқиқнамудаи муаллиф дар самти таъмини инфрасохтории рушди инноватсионӣ дар замони ҳозира муҳим ва актуалӣ мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳони муосир нишон медиҳад, ки ҳангоми ташаккули иқтисодиёти рақобатпазир ҳар як давлат ба рушди низоми миллии инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсионии худ таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир менамояд. Бинобар ин муаллиф қайд менамояд, ки рушди инфрасохтори инноватсионӣ мутобиқи имконот ва ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки талош дорад ба рушди устувори саноат дастёб гардад, як масъалаи таъхирнопазир ба шумор меравад.

Ба ақидаи муаллиф, новобаста аз чораҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии андешидашуда ҳанӯз ҳам инфрасохтори мукаммали рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бунёд нагардида, унсурҳои алоҳидаи он наметавонанд барои рушди инноватсионӣ шароит фароҳам созанд. Дар баробари ин сиёсати инноватсионии давлатӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ низ ба ташаккул ва рушди ҷузъҳои инфрасохтори инноватсионӣ таъсири мусбӣ нарасонида, дар маҷмӯъ наметавонад густариши онро ҳавасманд созад.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд , ба монанди:

Дар саҳифаи 12-уми автореферат муаллиф таҷрибаи хориҷии як қатор кишварҳо, ба монанди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Аврупоро оид ба ташкили фондҳои махсус, танзими шароит барои ҷалби

сармоя, маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ ва бунёди унсурҳои инфрасохтори онро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Хуб мебуд, ки муаллиф бо рақаму далелҳои воқеӣ нишон медод, ки кадоме аз таҷрибаи ин кишварҳои абарқудрат ва кадом дастовардҳои онҳоро дар таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии ҷумҳурии мо амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Камбудии зикргардида моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва характери тавсиявӣ дорад.

Бинобар ин, чунин хулоса намудан мукин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин, натиҷаи бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии ташаккули инфрасохтори инноватсиониро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи актуалӣ иҷро карда шуда, ба ҳамаи талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

9. 11. 2023.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо — Абдуҳалимзода Н.А.

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР
ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШОХ ШОХТЕМУР
ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО

*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзӯи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Вазъи кунунӣ ва шароити муосири табдилпазири иқтисодиёти ҷаҳонӣ тамоми кишварҳоро водор намудааст, ки аз пешина дида ба соҳаҳои истеҳсолӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва ба воситаи татбиқи инноватсияҳо бехатарии иқтисодӣ, мустақилияти иқтисодӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти худро таъмин кунанд. Гузашта аз ин, ҷумҳурии мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегӣ қарор дода, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2020-2025 коркард ва амалӣ карда истодааст, ки дар худ ҳалли масъалаҳои зеринро фарогир аст: такмили технологияҳое, ки маҳсули раванди инноватсионӣ мебошанд, аз нав муҷаҳазгардонии техникӣ ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири инноватсионӣ, маблағгузории корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишию конструкторӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нави инноватсионӣ дар истеҳсолот ва навсозии фондҳои асосӣ дар саноат, мутобиқгардонии тадқиқотҳои илмӣ ва технологияҳои инноватсионӣ барои ба истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ гузаронидани корхонаҳо.

Дар ин робита ҳалли масъалаи ташаккул ва такмили инфрасохторе, ки метавонад ба рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ мусоидат намояд, муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Новобаста аз он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии масъалаи ташаккул ва такмили инфрасохтори рушди инноватсионӣ аз солҳои 2009 ибтидо мегирад, аммо имрӯз барои рушду инкишофи он бояд чораҳои муассир андешида шаванд. Айни замон, воқеият ин аст, ки ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ, аз он ҷумла таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва дастрасии

аҳолӣ ба маҳсулоти ватанӣ аз рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ вобастагии калон доранд.

Бинобар ин, имрӯз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои марбут ба таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ аҳамияти бештарро ба худ касб кардаанд. Дар ин росто натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда бояд рушду инкишоф ва васеъшавии доираи фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатиро дар оянда таъмин карда тавонад.

Ҳамаи ҳолатҳои зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти гузаронидаи унвонҷӯ Қодирзода Н.Ҳ. мубрамияти рӯзмарра дорад.

Дар автореферати диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ мухтасар дида баромада шудаанд. Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатиро тавсиф дода, унвонҷӯ асоснок кардааст, ки мавҷудияти чунин инфрасохтор заминаи муҳими ташаккул ва тақвияти фаъолияту фаъолнокии инноватсионии корхонаҳо, рақобатпазирии соҳа ва дар маҷмуъ рушди устувори саноат мебошад. Таҳлил ва баҳодиҳии таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноат низ шоистаи диққати махсус аст, ки дар натиҷаи он маҷмуи омилҳои ташаккули фаъолияти инноватсионӣ ва рушди инноватсионии саноат ошкор карда шудаанд.

Инчунин роҳу усулҳои навини пешниҳодшуда доир ба масъалаҳои таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян карда шудани самтҳои асосии ин раванд қобили мулоҳиза аст, ки истифодашавии фишанги шарикии давлат ва бахши хусусиро дар фаъолгардонии унсурҳои мавҷудаи инфрасохтори инноватсионии кишвар пешбинӣ менамояд.

Аз ин ҷо метавон чунин хулоса баровард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Н.Ҳ. аҳамияти муайяни амалӣ дорад. Аҳамияти амалии он дар имконияти истифодашавандагӣ доштани натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масъалаҳои таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Пешниҳод ва тавсияҳоро оид ба таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ метавон дар раванди коркард ва амалигардонии барномаю стратегияҳои соҳавӣ истифода кард.

Дар қатори бартариятҳои қайдкардашуда, дар таҳқиқоти мазкур баъзе ҳолатҳои мубоҳисавӣ ва камбудиҳои муайяне низ ба чашм мерасанд.

Якум, унвонҷӯ қайд намудааст, ки солҳои охир корхонаҳои навбунёд бо таҷҳизотҳои замонавии насли нав муҷаҳҳаз гардидаанд (с.13), аммо дар автореферат оид ба самаранокии онҳо ё самаранокии маҳсулоти тавассути онҳо истеҳсолшуда таҳлили муайяне сурат нагирифтааст.

Дуюм, аз назари мо, беҳтар мебуд, агар дар кори диссертатсионӣ унвонҷӯ таҳлили қиёсии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатиро аз рӯи ягон нишондиҳанда амалӣ мекард.

Эродҳои таъкидшуда ва ҳолатҳои мубоҳисавии зикргардида арзиши мусбӣ ва умумии кори иҷрогардидаро паст намекунанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд. Таҳқиқот мавзӯи мубрамро дар бар гирифта, вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд. Дастовардҳои илмии барои ҳимоя ироагардида, хулосаю пешниҳодҳои асоснокшуда эътимодбахш буда, бо навоварии илмӣ фарқ мекунанд ва тасаввуроти моро оид ба таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ васеъ месозанд, ки ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқанд.

Аз рӯи автореферат, кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Қодирзода Н.Ҳ. дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – «Иқтисодиёти саноат ва энергетика» дода шавад.

9 ноябри 2023с.

**Муқарриз:**

дотсенти кафедраи фаъолияти
гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Раҷабова Н.Р.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Дехотӣ, 1/2.Телефон: (+992) 919 00 77 22
E-mail: nurhayt@mail.ru

«Имзои Н.Р.Раљабоваро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДТТ С.С.Пирзода

**Тақриз**

**ба авторефератикори диссертатсионии Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзӯи: «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикист», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

Айни замон рушди инноватсионии тамоми соҳаҳо дар маркази таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, тайи солҳои охир барои таъмини рушди усутвори иқтисодиёти миллӣ ва гузариши он ба иқтисодиёти инноватсионӣ заминаҳои мусоиди институтсионалӣ фароҳам оварда шудааст.

Вобаста ба ин аз ҷониби Пешвои миллат таъсиси агентии махсус дар соҳаи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, марказҳои миллӣ ва минтақавии дастгирии соҳибкорӣ, бизнес-инкубаторҳо ва паркҳои технологӣ пешниҳод шуда буд, ки бо мақсади танзими шароит ҷиҳати таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ амалӣ карда мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки сиёсати инноватсионӣ ва мавҷудияти инфрасохтори мукаммали инноватсионӣ ба сифати омили асосии рушд баромад намуда, дар баландбардории сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Дар марҳилаи муосири рушд, ки бо афзалият пайдо кардани ҳалли масъалаҳои муҳимми рушди саноати миллӣ, татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръат, танзими гуногунсамтии иқтисодиёт ва баландбардории рақобатпазирии он тавсиф дода мешавад, ташаккул ва таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаб ва рӯзмарра ба ҳисоб меравaнд.

Инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун низоми мураккаб ва бисёрфунксионалии иқтисодиву иҷтимоӣ дар рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ нақши бунёдӣ дошта, дар асоси равишҳои гуногун таҳқиқ карда мешавад. Дар шароити вусъати равандҳои ҷаҳонишавӣ ва густариши рақобати шадиди бозорӣ мавҷудияти инфрасохтори инноватсионӣ ва таъмини рушди инноватсионии саноат омили асосии таъмини рушди устувори иқтисодӣ милли ба ҳисоб меравад. Баинобар ин, ҷиҳати ташаккул ва таъмини рушди устувори он бояд масъалаҳои назариявӣ ва методологии он таҳқиқ шуда, самтҳои афзалиятнок ва механизмҳои имконпазиру таъсиррасон муайян карда шавад

Аз ин рӯ, таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва муқаррар кардани консепсияҳои ташаккул ва инкишофи инфрасохтори инноватсионӣ дорои аҳамияти муҳим ва стратегӣ мебошад. Барои фаъолияти самараноки иқтисоди инноватсионии кишвар инфрасохтори инноватсионӣ бояд аз ҷиҳати функсионалӣ мукаммал бошад.

Дар баробари комёбиҳои илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳснок ва тавсиявӣ ба мушоҳида мерасад, аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, ки дар кор вобаста ба омилҳои ба тавсеаи низоми таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноат таъсиррасон зарфиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шуда, тавсияҳои илмии мушаххас пешниҳод карда мешуд.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки дар оянда барои ислоҳи онҳо муаллифи кор диқати ҷиддӣ диҳад.

Ниҳоят дар охир ҳаминро таъкид карданием, ки камбудиҳои дар боло зикршуда ҷузъӣ ва тавсиявӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қиммати кори илмиро паст намекунанд.

Автореферате, ки аз тарафи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шудааст ба мазмуни асосии диссертатсия мувофиқ буда, ҳаҷман, мазмунан ва натиҷаҳои илмиаш ба талаботи рисолаи номзадӣ пурра мувофиқат мекунад.

Ӯ таҳқиқоти илмию амалиро иҷро карда, қобилияти хуби муҳақиқи ӯро водор намудааст, ки аз уҳдаи иҷрои ҳадафҳои дар наздаш гузошташударо бо сарбаландӣ барояд.

Автореферати диссертатсия аз ҷиҳати банду баст, асолат ва навоварӣ ба талаботи таҳияи диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ ва баҳои баландро сазовор аст.

Аз ҷиҳати ҳаҷм таҳқиқоти иҷрокардашуда, хулосаҳои баровардашуда диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара д.и.и. Хайрзода Ш.Қ.

Имзои Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара
д.и.и. Хайрзода Ш.Қ. - ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

Суроға: 735320, Вилояти Хатлон,
ноҳияи Данғара кӯчаи марказӣ 25
Телефон:(+992) 987-34-60-00

аз «11» 11 соли 2023

*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзӯи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Дар шароити муосир созмон додани модели индустриалию инноватсионии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти инфрасохтори инноватсионӣ ва самарабахшии фаъолияти ҷузъҳои онро тақозо менамояд. Бо назардошти ин ҷустуҷӯ намудани роҳи ҳалли масъалаҳои муҳимми рушди саноати миллӣ, саноатикунонии босуръат, танзими гуногунсамтии иқтисодиёт ва рақобатпазирӣ, фароҳам овардани шароитҳо барои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалиндараҷа мебошад.

Бояд қайд намуд, ки инфрасохтори инкишофёфтаи инноватсионӣ дар саноати кишварҳои тараққикарда, дар асоси ташкили сохторҳои кластерӣ, технопарку бизнес-инкубаторҳо, марказҳои салоҳияти технологӣ ва техношаҳрҳо асоси низоми иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, барои расидан ба натиҷаҳои назаррас имконият медиҳанд.

Дар Тоҷикистон нисбати таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва гузариши он ба иқтисодиёти инноватсионӣ шароити институтсионалӣ фароҳам оварда шуда, истифодаи технологияҳои рақамӣ, марказҳои миллӣ ва минтақавии дастгирии соҳибкорӣ, бизнес-инкубаторҳо ва паркҳои технологӣ, танзими таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ амалан сурат мегирад.

Дар ин раванд инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун ҷузъи системаи миллии инноватсионӣ ҷиҳати ҳамгироии натиҷаҳои илмӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳо имконият медиҳад. Ин инфрасохтор яке аз бахшҳои муҳимми таъсиси низоми миллии инноватсионии тамоми Тоҷикистон мебошад.

Аз омӯзиши масъалаҳои баррасишаванда бар меояд, ки новобаста аз чораҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии андешидашуда, ҳоло инфрасохтори мукаммали рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар

кишвар созмон дода нашудааст. Инчунин, сиёсати инноватсионии давлатӣ дар сатҳи кишвар, минтақаҳо ва соҳаҳо пеш аз ҳама ташаккул ва рушди ҷузъҳои инфрасохтори инноватсиониро талаб менамояд. Ҳоло ҳам на ҳамаи заминаҳои илмӣ-методологии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ пешниҳод нашудааст. Бо назардошти ин мубраммияти таҳқиқоти иҷронамудаи унвонҷӯ Неъматулло Ҳабиб Қодирзода бебаҳс аст.

Дар рисола асосҳои назариявии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таҳқиқ карда шуда, муҳиммияти инфрасохтори инноватсионӣ асоснок карда шуда, он ҳамчун омили муайянкунанадаи сатҳи рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон ҳисобида шудааст.

Дар асоси таҳлили пурра ҳолати муосир ва давраҳои ташаккули муносибатҳои инноватсионӣ дар кишвар баҳо додашуда ва гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Инчунин ташаккули фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун асоси рушди инноватсионии саноат ҳисобида шудааст.

Ба арзёбии асосҳои консептуалии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ диққати ҷиддӣ дода шуда, баҳодиҳии ҷузъҳои институтсионалӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ, иттилоотию коммуникатсионӣ анҷом пазируфтааст.

Аз автореферат бар меояд, ки истифодаи равиши кластерӣ ҳангоми таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси таҳлилҳои илмӣ асоснок карда шуда, мавқеи иштироки давлат, корхонаҳои бузурги саноатӣ, муассисаҳои илмию таълимӣ, молиявӣ ва бахши хусусӣ дар ин самти хело муҳим арзёбӣ гардидааст.

Дар рисола самтҳои асосии дастгирии давлатии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисодиёти рақамӣ пешниҳод гардида, истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва фаъолгардонии унсурҳои мавҷудаи инфрасохтори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Ба ақидаи мо рисолаи мазкур ҳам дорои аҳамияти илмӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Тавсияҳои муаллифро доир ба таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ҳангоми амалигардонии Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 истифода бурдан бамаврид аст.

Ба фикри мо, новобаста ба бартариятҳо, автореферат дорои баъзе камбудиҳо низ мебошад:

-дар автореферат арзёбии таъсири равиши кластерӣ дар таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва баррасии

иқтидори таъсиси кластерҳои инноватсионӣ ба тариқи пурра дарҷ нашудааст.

- пешниҳодҳо ҷиҳати такмили механизми дастгирии давлатии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ пурра асоснок нагардидааст.

Камбудиҳои нишондодашуда ба сифати рисола таъсир намерасонанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

Автореферат ва корҳои чопнамудаи муаллиф пурра мазмуну мундариҷаи рисоларо инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ рисолаи тақризшаванда дар мавзӯи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯ ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мебошад. Ба андешаи мо, муаллифи рисолаи мазкур Қодирзода Н.Ҳ. сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – «Иқтисодиёти саноат ва энергетика» мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди
ҷаҳони Донишгоҳи славянии Руссия ва
Тоҷикистон Раҳматзода Ҳайдар Бобо

15 ноябри соли 2023

Подпись заверяю
Начальник УК РТСУ
Рахимов А.А.

**Суроға:**
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
Кучаи Мирзо Турсунзода, 30.
Телефон: (992) 907 753 981
E-mail: haydar57@mail.ru